**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Абдусамадзода Сорбон Мақсад дар мавзӯи «Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсионии Абдусамадзода С.М. ба шиносномаи ихтисоси 5.5.3. (Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ), ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, пурра мутобиқат мекунад. Диссертатсия ба масъалаҳои марбут ба танзими ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти субъектҳои соҳибкории соҳаи сайёҳӣ, ҳолати ҳуқуқӣ, ҳуқук ва уҳдадориҳои онҳо, инчунин шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ бахшида шудааст, ки дар доираи ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот.** Мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионии Абдусамадзода С.М. пеш аз ҳама бо рушди босуръати соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке самтҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ алоқаманд аст. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақобати шадид дар бозори хизматрасонии сайёҳӣ, таъмини ҳолати ҳуқуқии мушаххас ва самараноки ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ барои ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон ва рушди устувори соҳа аҳаммияти махсус пайдо мекунад.

Мубрамияти мавзуъ инчунин аз зарурати такмили қонунгузории миллӣ дар соҳаи сайёҳӣ, хусусан пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» дар соли 2020 ва дар робита ба эълони солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ»,

инчунин Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, сарчашма мегирад.

Ҷанбаи дигари мубрамият набудани таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмӣ оид ба ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ мебошад. Мавҷудияти ихтилофот дар қонунгузорӣ, зарурати ҳамоҳангсозии он бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», такмили механизмҳои масъулияти ташкилотҳои сайёҳӣ ва ҷорӣ намудани суғуртаи ҳатмии масъулияти онҳо, далели зарурати таҳқиқоти мазкур мебошад.

Ҳамин тавр, мубрамияти мавзуи диссертатсионӣ бо зарурати таҳлили назариявӣ ва амалии ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ, муайян намудани самтҳои асосии такмили қонунгузории миллӣ ва таҳияи пешниҳодоти илмӣ асоснок карда мешавад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Абдусамадзода С.М. дар он ифода мeёбад, ки бори наввал дар илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ ҳамчун объекти мустақили таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар доираи таҳқиқот:

- мафҳуми «ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ» ҳамчун категорияи илмӣ-ҳуқуқӣ муайян ва асоснок карда шуда, хусусиятҳои фарққунандаи он аз дигар субъектҳои соҳибкорӣ ошкор гардидаанд;

- ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ ба се гурӯҳи асосӣ (умумӣ, махсуси соҳавӣ ва ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон) ҷудо карда шудаанд;

- шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ ҳамчун намуди хоси шартномаи омехта таҳлил гардида, хусусиятҳои фарққунандаи он аз шартномаҳои хизматрасонии пулакӣ муайян карда шудаанд;

- фарқияти байни туроператор (танзимгари сайёҳӣ) ва турагент (агенти сайёҳӣ) аз рӯйи вазифаҳо, масъулиятҳо ва ҳолати ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ бори аввал мушаххас карда шудааст.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ шахси ҳуқуқиест, ки мувофиқи тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ ба қайд гирифта шуда, бо мақсади ба даст овардани фоида ба хидматрасонии сайёҳӣ машғул мебошад ва фаъолияташ дорои хусусияти дугонаи тиҷоратӣ-иҷтимоӣ аст.

2. Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ маҷмуи ҳуқуқҳо ва ухдадориҳои онҳо мебошад, ки аз се унсури асосӣ – ҳуқуқҳои умумӣ ва хоссаи соҳибкорӣ, ухдадориҳои умумӣ ва махсуси соҳавӣ, ҳамчунин ҳуқуқҳо ва ухдадориҳои марбут ба пуштибонии давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон иборат мебошад.

3. Шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ ҳамчун намуди хоси шартномаҳои хизматрасонии пулакӣ шинохта шуда, дорои хусусияти омехта мебошад, ки он на фақат пешниҳоди хизматҳои алоҳида, балки ташкили пурраи тамоми сафар, тарҳрезии мукаммали сайёҳат, таъмини амният ва дигар унсурҳои вобастаро дар бар мегирад.

4. Туроператор (танзимгари сайёҳӣ) ва турагент (агенти сайёҳӣ) ҳамчун ду субъекти комилан мустақили фаъолияти сайёҳӣ бо тақсимоти дақиқи вазифаҳо, масъулиятҳо ва вазъи ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида бо истифодаи маҷмуи усулҳои

умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ (таҳлил ва синтез, муқоиса, системавӣ-функсионалӣ, таърихӣ, ҳуқуқии муқоисавӣ, формалӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра) таъмин карда шудаанд.

Эътимоднокии натиҷаҳо ба заминаи мустаҳками назариявӣ ва меъёрӣ асос ёфтааст. Дар ҷараёни таҳқиқот Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва хориҷӣ, инчунин амалияи судӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Асоснокии хулосаҳо инчунин бо истифода аз осори илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва ҳуқуқи сайёҳӣ, аз ҷумла Ш.М. Исмаилов, Р.Б. Бозоров, М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинзода, ҳамчунин Е.А. Батишев, Н.А. Ган, Ю.В. Никонорова, Е.Л. Писаревский, К.С. Свиридов ва дигарон, таъмин карда мешавад.

Таҳлили муқоисавии қонунгузории сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории давлатҳои хориҷӣ (Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Узбекистон, Ҷумҳурии Туркия, Фаронса, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷопон) имконият дод, ки самтҳои асосии такмили қонунгузории миллӣ муайян ва пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ таҳия гарданд.

Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда ба натиҷаҳои таҳлили қонунгузории амалкунанда, амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ва мушкилоти воқеии фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ такя намуда, хусусияти мантиқӣ, пайдарпай ва илмӣ доранд.

**Саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтаанд.** Саҳеҳнокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи усулҳои муосири таҳқиқоти илмии ҳуқуқӣ, таҳлили ҳамаҷонибаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва хориҷӣ, омӯзиши

амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ва фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ таъмин гардидааст.

Навгонии илмии диссертатсия, тавре қайд гардид, дар таҳқиқи ҳамаҷонибаи ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ, муайян намудани мафҳум ва хусусиятҳои онҳо, ҷудо намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, таҳлили шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ ҳамчун шартномаи омехта, муқоисаи қонунгузории миллӣ бо хориҷӣ ва таҳияи пешниҳодоти мушаххас оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад.

Хулосаҳои асосии диссертатсия аз он иборатанд, ки:

- ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра муайян нашуда, он ба такмили ҷиддӣ ниёз дорад;

- шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ дорои хусусияти омехта буда, онро наметавон ҳамчун шартномаи оддии хизматрасонии пулакӣ баҳо дод;

- зарурати ҷорӣ намудани суғуртаи ҳатмии масъулияти туроператорон, таъсиси минтақаҳои махсуси сайёҳӣ бо имтиёзҳои андозӣ, ҷорӣ намудани низоми «визаи электронӣ» ва таъсиси судҳои ихтисосӣ барои ҳалли баҳсҳои сайёҳӣ асоснок карда шудааст.

Дар диссертатсия пешниҳодҳои зерин манзур шудаанд:

- қабули таҳрири нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» бо дарназардошти таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ;

- ҷорӣ намудани суғуртаи ҳатмии масъулияти туроператорон;

- табдил додани Феҳристи давлатӣ ба феҳристи ягонаи электронии субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ;

- танзими муфассали шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳия ва амалӣ намудани стандартҳои миллӣ дар соҳаи сайёҳӣ.

**Аҳаммияти назариявӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Аҳаммияти назариявии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва ҳуқуқи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд. Диссертатсия мафҳуми «ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ»-ро ҳамчун категорияи илмӣ-ҳуқуқӣ асоснок намуда, хусусиятҳои фарққунандаи он, ҷойгоҳи он дар низоми субъектҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ муайян кардааст. Ҳамчунин, дар он назарияи шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ ҳамчун шартномаи омехта такмил дода шудааст.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки хулосаҳо ва пешниҳодоти муаллиф метавонанд дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ ҳангоми такмили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» ва Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар амалияи ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ ва мақомоти давлатӣ истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди таълимии факултетҳои ҳуқуқшиносӣ ҳангоми тадриси фанҳои «Ҳуқуқи соҳибкорӣ», «Ҳуқуқи сайёҳӣ», «Ҳуқуқи шартномаҳо» истифода гарданд.

Аҳаммияти иҷтимоии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки такмили ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ ба ҳифзи самараноки ҳуқуқи сайёҳон ҳамчун истеъмолкунандагон, таъмини сифат ва бехатарии хизматрасониҳои сайёҳӣ, баланд бардоштани сатҳи эътимоди аҳолӣ ба хизматрасониҳои сайёҳӣ, рушди соҳаи сайёҳӣ ва дар натиҷа, беҳбуди вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар мусоидат менамояд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 8 мақолаи илмии муаллиф ба табъ расидаанд, ки 5 мақолаи онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмии тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд. Мақолаҳои нашршуда мазмуни асосии диссертатсияро пурра инъикос менамоянд:

**I. Мақолахое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1–М]. Абдусамадзода С. Ҷанбаҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар кишварҳои хориҷӣ [Матн] / С. Абдусамадзода // Қонунгузорӣ. – 2025. – №1 (57). – С. 189-194. – ISSN 2410-2903.

[2–М]. Абдусамадзода, С. Ҷанбаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Тоҷикистон [Матн] / С. Абдусамадзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2025. –№2 (54). –137-141. – ISSN 2305–0535.

[3–М]. Абдусамадзода С. Ҳуқуқ ва уҳдадории ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ [Матн] / С. Абдусамадзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – №2 (38). –244-250. – ISSN 2414 9217.

[4–М]. Абдусамадзода С., Латипова С. Танзими ҳифзи маълумотҳои шахсӣ ҳангоми истифодаи зеҳни сунъӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ [Матн] / С. Абдусамадзода, С. Латипова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2025. – №3 (19). –99-102. – ISSN 2710-4672.

[5–М]. Сангинзода Д.Ш., Абдусамадзода С. Такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ [Матн] / Д.Ш. Сангинзода, С. Абдусамадзода // Қонунгузорӣ. – 2026. – №1 (61). – С. 189-194. – ISSN 2410-2903.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[6–М]. Абдусамадзода С. Ширкатҳои сайёҳӣ ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ ва соҳибкорӣ [Матн] / Абдусамадзода С.// Мушкилоти муосири муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ: маводи конференсияи илми–амалии ҷумҳуриявӣ (13-уми марти соли 2026) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Полиграфияи «Ватан Принт», 2026. – С. 211-220.

[7–М]. Абдусамадзода С. Ҷонибҳои шартномаи хизматрасонии пулакии сайёҳӣ [Матн] / Абдусамадзода С.// Маводи конференсияи илмӣ назариявии профессорону омӯзгорони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2026. – С. 170 – 177.

[8–М]. Латипова, С., Абдусамадзода, С. Танзими ҳифзи маълумоти шахсӣ ҳангоми истифодаи зеҳни сунъӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ [Матн] / С., Латипова, Абдусамадзода С.// Маводди VIII-умин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалии «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ» бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон // Зери назари умумии н.и.ҳ., дотсент Насуриён .А., д.и.ҳ., дотсент Раҳмадҷонзода Р.Р. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2026. – С.368-371.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори диссертатсия ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат мекунад. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (аз 279 сарчашма) ва замима иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 210 саҳифаро ташкил медиҳад.

**Эродхо ба мазмуни диссертатсия.** Бо вуҷуди аҳаммияти баланди назариявӣ ва амалии диссертатсия, дар он баъзе масъалаҳои баҳсталаб ва нуқсонҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд:

1. Нуқтаи якуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда қисман бо як қатор хусусиятҳояш ба категорияи навгонӣ мувофиқ нест. Муаллиф иброз медорад ки “ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳи” шахсони ҳуқуқӣ мебошад. Аммо бояд қайд намуд, ки истилоҳи ташкилот ба шахсони

ҳуқуқӣ хос мебошад ва ин рӯ ақидаи муаллифи хусусияти навгонии худро гум мекунад. Дуюм он ки онҳо бо тартиби муқарраргардида ба қайд гирифта мешаванд як ҳолатӣ муқаррарӣ мебошад зеро қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии ҳар як шахси ҳуқуқӣ аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ пайдо мегардад. Сеюм, он ки мақсади онҳо гирифтани фоида мебошад инчунин падидаи маъмулӣ мебошад, чунончи тибқи КМ ҶТ мақсади асосии ташкилотҳои тиҷоратӣ гирифтани фоида мебошад. Ва ниҳоят андешаи он ки фаъолияти онҳо хусусияти "тиҷоративу иҷтимоӣ" дорад чандон қобили қабул нест. Бояд гуфт ки маҳз бо назардошти мақсади ташкилотҳо қонунгузор онҳоро ба ташкилотҳои тиҷоративу ғайритиҷоратӣ ҷудо менамояд. Ташкилотҳои сайёҳи мақсади гирифтани фоидаро бо роҳи пешниҳод намудани хизматрасониҳои сайёҳӣ доранд. Бинобар ин муаллифро мебоист ин ҳолатро ба инобат гирад

2. Яке аз масъалаҳои муҳим дар илми ҳуқуқшиносӣ истилоҳоти ҳуқуқӣ мебошад. Муаллиф дар як маврид иброз медорад ки мақсади асосии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ гирифани фоида ва дар ҳолати дигар бошад гирифтани даромад мебошад. Ин ҳолат аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ баҳснок мебошад. Зеро калимаҳои "даромад" ва "фоида" синонимҳои якдигар набуда балки ҳар яки он маънои гуногунро ифода менамояд. Ҳамзамон муаллиф дар як ҳолат истилоҳи "рақами воҳиди хос"-ро истифода менамояд, ки ба қонунгузории имрӯза маълум нест. Аммо аз мазмуни ҷумла бармеояд ки муаллиф "рақами ягонаи мушаххас"-ро дар назар дорад, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" истифода мегардад.

3. Дар диссертатсия масъалаи масъулияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ барои зарари маънавӣ дар шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ танҳо ба таври умумӣ таҳлил шудааст. Муфассалтар намудани

меъёрҳои тӯвони зарари маънавӣ (андоза, тартиби ҳисоб, ҳуҷҷатҳои зарурӣ) метавонист аҳаммияти амалии таҳқиқотро боз ҳам баланд барад.

Бо вуҷуди эродҳои зикршуда, онҳо хусусияти баҳсӣ ва тавсиявӣ дошта, арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Диссертатсия таҳқиқоти анҷомёфтаи мустақили илмӣ буда, натиҷаҳо ва пешниҳодҳои он барои рушди илми ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ ва такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ аҳаммияти муҳим доранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Таҳқиқоти диссертатсионии Абдусамадзода Сорбон Мақсад дар мавзӯи «Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, пурра мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалӣ, мақолаҳои илмии нашршуда ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро тасдиқ менамоянд.

**Хулосаи ниҳоӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Абдусамадзода Сорбон Мақсад дар мавзӯи «Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талабот оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти банди 71 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267, тасдиқ шудааст, омода ва пешниҳод гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, и.в.профессор,
мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва
молиявии Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Бобозода Ҷамрод Қурбон

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Қурбон Раҳимов гуз. 3-юм, хонаи № 16
Моб. тел: (+992) 918668971. Email: jamrod@mail.ru

Имзои Бобозода Ҷ.Қ.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон _______________ Мирҷамолов М.А.
«12» 06 2026 с.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14
Тел.: (+992 237) 231-08-37, 231-02-01
Факс: (+992 - 37) 227-15-10
Сомонаи расмӣ: www.tgfeu.tj